Ба шурои диссертатсионии 6D.K0A-18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ17)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025)**

Ақидаҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ андешаҳои бунёдӣ ва тарҳи борикбинонаи мутафаккир дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва адолат, ҳимояи манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолӣ, зарурати ба тамоми шаҳрвандон додани имкониятҳои баробарӣ, бофарҳангии арбобони давлатӣ, бартарии адли илоҳӣ ва хирад нисбат ба дигар арзишҳои ахлоқӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқии классикӣ то кунун дар ҷамъият арзиши худро аз даст надодаанд. Осору таълифоти вай дар бахши ҳуқуқи аҳли ҷомеа на танҳо дар доираи кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик, балки берун аз он низ мубрамияти худро нигоҳ доштаанд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар ин андешаҳо проблемаҳои ҳуқуқие масъалагузорӣ, баррасӣ ва ҳал гардидаанд, ки дар ташаккули сохтори ҳуқуқии давлат, таҳкими бунёди он аҳамияти мубрам доранд.

Омӯзиши осори гаронмояи аҷдодон пас аз ба даст даровардани истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз зиёд гардид, чун зарурияти сохтмони давлати миллӣ ва созмон додани низоми ҳуқуқи миллӣ пеш омад ва мусаллам аст, ки бе омӯзиши таърих ва фарҳанги миллӣ, таҷрибаи давлатдории тоҷикон, адабиёту санъат ва маданияти бойи гузуштагони тоҷикон дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ин нияту ормонҳо ғайриимкон мебошад. Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ

мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

Ҳаёт ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар тазкираву таърихномаҳо ва осори муҳаққиқони Шарқу Ғарб таҳқиқ гардида, доир ба бисёр масъалаҳои ҳуқуқӣ, сиёсию идоракунӣ, ахлоқ, ҳусни хулқ (ботини инсон), ҳуқуқи сухбат, аҳком ва шароити он, аҳкоми салтанат ва ғайра андешаҳои гуногун баён гаштаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки таҳлили муқоисавӣ ва омӯзиши осори таърихию ирфонии рисолаҳо ва асарҳои дигари муттафакир нишон медиҳанд, ки дар бисёр таълифоти ӯ масъалаҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бо ҳам омезиш ёфта, низоми ягонаи андешаҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро ташкил намудаанд.

Асарҳои зиёде доир ба ҳаёту фаъолият, осору таълимот ва ашъори муттафакир нашр гардидаанд. Онҳо масъалаҳои ирфонӣ ва тасаввурии вай, хосатан масъалаи нафс, рӯҳ, ҳастӣ, маърифат, мақоми инсон, дониш, фазилатҳои ахлоқӣ, ҳуқуқ, сиёсат, идораи адолатнок ва дигар паҳлӯҳои баҳсангези осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро фаро гирифта, дар маҷмӯи мақолаҳо, монографияҳо ва рисолаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Бартарии асосии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки муаллиф бо такя ба усулҳои таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ва низомикунонӣ масъалаи афкори давлатӣ-ҳуқуқии мутафаккирро баррасӣ мекунад. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия як қатор тавсияҳои хусусияти амалидоштаро пешниҳод намудааст, ки ин ба аҳаммияти амалии таҳқиқ бевосита иртибот дорад.

Бояд қайд намуд, ки дастгоҳи илмии диссертатсия қавӣ буда, дар он аз равиши муқоисави-таҳлили истифода шуда, объект, субъект, масъалагузори дақиқан равшан ифода ёфта, далелҳои илми дар асоси назарияҳои илми ҳуқуқшиноси баррасӣ шудаанд.

Мавзуи мазкур хусусияти нави таҳқиқотӣ дошта, метавонад ҳамчун асос барои таҳияи пешниҳодҳо оид ба ислоҳи қонунгузорӣ ва таҳкими институтҳои давлатию ҳуқуқӣ, боло бурдани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ хизмат намояд. Ғайр аз ин, он метавонад барои донишҷӯёну муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ, иҷтимоиёт, сиёсат, таърих ва фарҳанг ҳамчун манбаи омӯзиш истифода гардад.

Сарфи назар аз арзёбии мусбат, ки дар тақриз баён шудааст, дар автореферати диссертатсияи мазкур баъзе норасоиҳо ва нуқтаҳои баҳсбарангез дида мешаванд. Аз ҷумла, метавон чунин ҳолатҳоро зикр кард: 1. Муаллиф дар банди чоруми тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот қайд менамояд, ки “Сарварӣ дар эҷодиёти мутафаккир ҳамчун илми идоракунӣ баҳо дода шудааст. Барои расидан ба зинаи сарварӣ шахс бояд аз даврони ҷавонӣ омода карда шавад, илму дониш андӯзад, таҷрибаи бузургонро омӯзад, одобу ахлоқи ҳамида дошта бошад, адолатҷӯ ва ҳапарвар бошад. Бо назардошти ин муқаррарот, соҳаи нави дониш, илми «одоби сарварӣ»-ро дар кишвар ташаккул додан лозим аст”. Сатҳ ва дараҷаи одоби сарварию идоракунӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлатию ҷамъиятии кишвар дар воқеъ беҳбудиро талаб менамояд. Хуб мебуд, муаллиф тарзу восита ва усулҳои истифода ва расонидани дастовардҳои ғании фарҳанги миллӣ, ки дар эҷодиёти ҳама маттафаккирони тоҷик дида мешаванд пешниҳод менамуданд. Зеро, ки ҳама таҳқиқгарон дар ин хусус мегуянд, вале натиҷаи истифодаи фарҳанги бисёр ғании миллатро мо дар амалия бисёр кам мебинем.

Андешаи зикргардида аслан хусусияти тавсиявӣ дошта, ба моҳият ва мазмуни баланди диссертатсияи баррасишаванда таъсир намерасонад ва баракс аз сатҳи баланди кори диссертатсионии анҷомдодашуда дарак медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Диссертатсия Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и тартиб додани дараҷаҳои, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии муаллифи диссератсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комисияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин маърӯзаҳои муаллиф дар конфренсияҳо ва ссеминарҳои илмӣ-амалии байналмилали ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

Ҳамзамон, автореферат, ки аз мазмуни диссертатсия бармеояд, пурра ба талабот муқарраргардидаи Низомнома мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори
илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири
кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва
ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қозиён Ш.Қ.

Имзои Қозиён Ш.Қ. - ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

02.09.2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121
тел: (+992037) 224-20-12
Факс: (+992037) 224-13-83